# Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"

Мутобиқи моддаи 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади амалигардонии самарабахши меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" фармон медиҳам:

1. Вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, корҳои дохилӣ, адлия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаҳои оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иҷрои меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро тибқи замима вобаста ба самти фаъолияташон таъмин намоянд.

2. Дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" таъсис дода шавад.

3. Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва воҳидҳои сохтории маҳаллии вазорату идораҳои дар банди 1 фармони мазкур нишондодашуда ҳар семоҳа ба комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти болоӣ ва дар навбати худ комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дар банди 1 пешбинишуда ба Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак дар шаш моҳ як маротиба оид ба амалигардонии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ҳисобот пешниҳод намоянд.

4. Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак:

- тибқи тартиби муқарраршуда низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро тасдиқ намояд;
- ҳисоботи комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро таҳлил карда, аз натиҷааш соле як маротиба ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор манзур намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
8 феврали соли 2017 № 835

Замима
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 8 феврали соли 2017, № 835

Номгӯи вазорату идораҳое, ки иҷрои меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ба самти фаъолияташон мансуб мебошад

| № | Номи мақомот | Меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" |
|---|---|---|
| 1. | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархатҳои якум ва дуюми моддаи 8, моддаи 13 |
| 2. | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархати сеюми моддаи 7, сархатҳои чорум, панҷум, ҳафтум, даҳум-ҳабдаҳум ва бисту панҷуми моддаи 8, сархатҳои дуюм-панҷум ва нуҳум-дувоздаҳуми моддаи 9, сархатҳои якум, дуюм ва панҷум-нуҳуми қисми 1 ва қисми 2 моддаи 12, моддаи 13 |
| 3. | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархати бистуми моддаи 8, моддаи 13 |
| 4. | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархати шонздаҳуми моддаи 8, сархати панҷуми моддаи 9, моддаи 10 ва сархати дуюми қисми 1 моддаи 12, моддаи 13 |
| 5. | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархатҳои шашум, ҳафтум, нуҳум-дувоздаҳум ва шонздаҳум-бисту шашуми моддаи 8, сархати чоруми моддаи 9 ва сархатҳои сеюм ва панҷуми қисми 1 |
| 6. | Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархати чоруми моддаи 7 ва сархати сенздаҳуми моддаи 8, моддаи 13 |
| 7. | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархатҳои панҷум, ҳафтум, нуҳум ва сенздаҳум-ҳабдаҳуми моддаи 8, сархатҳои дуюм, панҷум ва шашуми қисми 1 моддаи |
| 8. | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархати бисту якуми моддаи 8, моддаи 13 |
| 9. | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сархатҳои чорум, ҳаштум-даҳум, понздаҳум ва ҳабдаҳуми моддаи 8, сархати ҳафтуми моддаи 9, моддаҳои 10 |
| 10. | Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Т | Сархатҳои чордаҳум ва понздаҳуми моддаи 8, сархатҳои даҳум-дувоздаҳуми моддаи 9, моддаи 13 |

| | | |
|---|---|---|
| 11. | Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд". | Сархатҳои якум, дуюм ва шашум-ҳаштуми моддаи 7, сархатҳои сеюм, понздаҳум, бисту якум ва бисту панҷуми моддаи 8, сархатҳои якум, дуюм ва шашум-нуҳуми моддаи 9, моддаи 10, |

Сархати сеюми моддаи 7, сархатҳои чорум, панҷум, ҳафтум, даҳум-ҳабдаҳум ва бисту панҷуми моддаи 8, сархатҳои дуюм-панҷум ва нуҳум-дувоздаҳуми моддаи 9, сархатҳои якум, дуюм ва панҷум-нуҳуми қисми 1 ва қисми 2 моддаи 12, моддаи 13

**Моддаи 7. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд**

- 3. дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии фарзанд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ иштирок ва мусоидат намоянд;

**Моддаи 8. Ӯҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд**

- 4.фарзандро ба кору зиндагии мустақилона омода намоянд;
- 5.фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ
- 7.шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;
- **10. аз соати 18.00 то соати 6.00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ ё хизматрасонии интернетӣ рафтани фарзанди ноболиғи худро иҷозат надиҳанд;**
- 17. барои фарзанди то бистсола истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (аз ҷумла пиво), воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводи сахттаъсирро манъ намоянд;
- 25. дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарарро аз ҷониби фарзанд манъ намоянд;

**Моддаи 9. Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълими фарзанд**

- 2. ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд;
- 5. ба фарзанди имконоти маҳдуди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ доштаи худ барои таҳсил кардан ва касбу хунар омӯхтан шароит муҳайё сохта, иллати ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯро пинҳон накарда, дар сурати набудани шароит барои таълими фарзанд ба муассисаҳои дахлдори давлатии соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат намоянд;
- 9. талаботи оинномаи муассисаи таълимиро, ки фарзандашон дар он ҷо таълим мегирад, иҷро намоянд;
- 12. дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

**Моддаи 12. Ӯҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд**

- 1. ба раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ мусоидат намоянд;
- 2. тарзи ҳаёти солимро таблиғ ва кӯдакони болаёқатро дастгирӣ намоянд;

- 5. оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи кӯдакон тадбирҳо андешанд;

- 9. дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

2. Ӯҳдадориҳои омӯзгор оид ба таълиму тарбияи кӯдак мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 13. Ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак**

Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва ба амали номатлуб даст задани ӯ, инчунин дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки мақомоти дахлдори давлатиро огоҳ созанд.